№	**Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**	
1	Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»
2	Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
3	Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад	Шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ, ва шахсони ҳуқуқӣ, ки ҳамчун декларант ё интиқолдиҳанда дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ иштирок намуда, ҳангоми ҳамлу нақли байналмилалии мол уҳдадории пешниҳоди маълумоти пешакӣ ба мақомоти гумрукро доранд
4	Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ	13.12.2026
5	Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ	Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 октябри соли 2026 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи қоидаҳои мазкур аз 8 октябр то 7 ноябри соли 2026 гузаронида шуд.
6	Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо	Аз руйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарори мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.
7	Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии	Бо ворид намудани моддаи нав ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди маълумоти пешакӣ ба мақомоти гумрук дар бораи мол ва (ё) воситаҳои

	ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад	нақлиёт ҳамчун уҳдадории ҳатмии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муқаррар гардида, доираи субъектҳои масъул ва мақсади пешниҳоди чунин маълумот муайян карда шудааст. Маълумоти пешакӣ барои арзёбии таваккал, интихоби объектҳо ва шаклҳои назорати гумрукӣ, инчунин суръатбахшӣ ва муносибгардонии гузаронидани расмиёти гумрукӣ истифода мешавад. Бо вуҷуди муқаррар гардидани уҳдадории мазкур дар қонунгузории гумрукӣ, дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии мушаххаси маъмурӣ барои риоя накардани муҳлати пешниҳоди маълумоти пешакӣ, пешниҳод намудани маълумоти нодуруст ё умуман пешниҳод накардани он пешбинӣ нашудааст. Ин ҳолат холигии ҳуқуқиро ба вуҷуд оварда, имконияти татбиқи чораҳои таъсиррасонии маъмуриро нисбат ба субъектҳое, ки уҳдадории қонунии худро иҷро намекунанд, маҳдуд менамояд. Мушкилоти мазкур дар шароити афзоиши ҳолатҳои бемасъулиятӣ ва ба таври сунъӣ кашол додани пешниҳоди маълумоти пешакӣ аҳамияти бештар пайдо мекунад. Чунин амалҳо метавонанд боиси бандшавии воситаҳои нақлиёт ва қатораҳо дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ, ба вуҷуд омадани монеаҳои техникӣ ва оперативӣ дар фаъолияти мақомоти гумрук ва коҳиш ёфтани самаранокии механизми электронии арзёбии таваккал гарданд. Дар натиҷа, самаранокии назорати гумрукӣ ва истифодаи имкониятҳои низоми рақамикунонидашудаи маъмурикунонии гумрукӣ коҳиш меёбад. Дар сурати андешида нашудани чораҳои қонунгузорӣ ва нигоҳ доштани вазъи мавҷуда, хатари идома ёфтани ҳолатҳои риоя нагардидани уҳдадории пешниҳоди маълумоти пешакӣ, пешниҳоди маълумоти нодуруст ва ба таъхир андохтани сунъии он боқӣ мемонад. Ин ҳолат метавонад ба самаранокии назорати гумрукӣ, суръати гузаштани воситаҳои нақлиёт аз сарҳади давлатӣ, кори муътадили низоми электронии арзёбии таваккал ва дар маҷмӯъ ба таъмини бехатарии иқтисодии давлат таъсири манфӣ расонад. Аз ин рӯ, муқаррар намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои чунин кирдорҳо ҳамчун воситаи таъмини иҷрои уҳдадориҳои муқаррарнамудаи Кодекси гумрукӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои дахлдор зарур мебошад.

8	Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат	Мақсади дахолати давлат аз таъмини риояи ҳатмии талаботи қонунгузории гумрукӣ оид ба пешниҳоди пешакии маълумот дар бораи мол ва воситаҳои нақлиёт, пешгирӣ ва бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои вобаста ба пешниҳод накардан, сари вақт пешниҳод накардан ё пешниҳод намудани маълумоти нодуруст, инчунин баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ иборат мебошад. Бо ин мақсад муқаррар намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои вайрон намудани уҳдадориҳои мазкур пешбинӣ гардида, он барои таҳкими интизоми иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, самаранок намудани низоми электронии арзёбии таваккал, пешгирии таъхир дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва таъмини ҳифзи манфиатҳои иқтисодию фискалии давлат равона карда мешавад.
9	Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот	Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади такмили заминаи ҳуқуқии танзими муносибатҳои вобаста ба пешниҳоди маълумоти пешакӣ ба мақомоти гумрук, таъмини иҷрои талаботи қонунгузории гумрукӣ ва муайян намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои риоя накардани уҳдадориҳои муқарраршуда таҳия гардидааст. Лоиҳаи мазкур ворид намудани моддаи нави 588[1]-ро ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки тибқи он барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар самти пешниҳоди маълумоти пешакӣ ба мақомоти гумрук ҷавобгарӣ муқаррар карда мешавад. Аз ҷумла, лоиҳа муқаррар намудани ҷавобгарии маъмуриро барои ҳолатҳои зерин пешбинӣ менамояд: - риоя накардани муҳлатҳои муқарраршудаи пешниҳоди маълумоти пешакӣ дар бораи мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт ба мақомоти гумрук; - пешниҳоди маълумоти пешакии нодуруст оид ба номгӯй ва миқдори мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт; - пешниҳод накардани маълумоти пешакӣ дар бораи мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт. Ҳамзамон, вобаста ба хусусияти ҳуқуқвайронкунӣ ва мақоми ҳуқуқии субъекти онро содирнамуда, андозаи

		ҷарима барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба таври тафриқавӣ муқаррар карда мешавад. Мувофиқи лоиҳа, барои риоя накардани муҳлати пешниҳоди маълумоти пешакӣ ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз 10 то 20 ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз 30 то 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, барои пешниҳоди маълумоти нодуруст мутаносибан аз 20 то 30 ва аз 50 то 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва барои пешниҳод накардани маълумоти пешакӣ мутаносибан аз 30 то 50 ва аз 100 то 150 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима пешбинӣ мегардад. Татбиқи чораҳои мазкур ба баланд бардоштани масъулияти декларантҳо ва интиқолдиҳандагон, таъмини саривақтӣ ва саҳеҳии маълумоти ба мақомоти гумрук пешниҳодшаванда, пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти низомҳои автоматикунонидашудаи назорати гумрукӣ равона шудааст. Уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ: Муқаррароти лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда барои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ки иштирокчии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мебошанд ва тибқи талаботи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд ба мақомоти гумрук маълумоти пешакиро пешниҳод намоянд, уҳдадориҳои мушаххасро пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла, субъектҳои соҳибкорӣ, вобаста ба мақоми ҳуқуқӣ ва намуди ҳамлу нақли байналмилалӣ, уҳдадоранд маълумоти пешакиро дар бораи мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт дар муҳлатҳои муқарраргардида, бо риояи талаботи қонунгузории гумрукӣ ва бо нишон додани маълумоти саҳеҳ пешниҳод намоянд. Ҳангоми ҳамлу нақли байналмилалӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ ин уҳдадорӣ ба зиммаи декларант ва ҳангоми ҳамлу нақли байналмилалӣ тавассути нақлиёти дарёӣ, ҳавоӣ ва роҳи оҳан ба зиммаи интиқолдиҳанда вогузор карда мешавад.

		Маҳдудияти асосии барои субъектҳои соҳибкорӣ пешбинишаванда аз зарурати риояи ҳатмии муҳлат ва тартиби пешниҳоди маълумоти пешакӣ, инчунин роҳ надодан ба пешниҳоди маълумоти нодуруст ё саркашӣ аз иҷрои уҳдадории мазкур иборат мебошад. Дар сурати иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои зикршуда, субъектҳои соҳибкорӣ метавонанд ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шаванд. Дар ин замина, барои шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба хусусияти ҳуқуқвайронкунии содиршуда ҷарима ба андозаи аз 30 то 150 нишондиҳанда барои ҳисобҳо пешбинӣ шудааст. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки лоиҳа уҳдадориҳои нави умумӣ ё маҳдудиятҳои мустақилро барои ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ ҷорӣ намекунад, балки ҷавобгарии ҳуқуқиро барои риоя накардани уҳдадориҳое, ки қаблан бо қонунгузории гумрукӣ муқаррар гардидаанд, муайян менамояд. Муқаррароти истисноии Кодекси гумрук оид ба озод намудани баъзе намудҳои мол ва интиқол аз пешниҳоди маълумоти пешакӣ низ ба инобат гирифта шудаанд. Асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот: Зарурати таҳияи лоиҳаи мазкур бо мавҷудияти холигии ҳуқуқӣ дар қисми муайян намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои риоя накардани талаботи қонунгузории гумрукӣ оид ба пешниҳоди маълумоти пешакӣ алоқаманд мебошад. Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2025, №2186 ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 11^1 илова гардида, пешниҳоди маълумоти пешакӣ ба мақомоти гумрук ҳамчун уҳдадории ҳатмӣ муқаррар карда шудааст. Маълумоти мазкур барои арзёбии таваккал, интихоби объектҳо ва шаклҳои назорати гумрукӣ, андешидани чораҳои дахлдори назоратӣ то расидани мол ба ҳудуди кишвар, инчунин суръатбахшии амалиёти гумрукӣ ва баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ аҳаммияти муҳим дорад.

		Бо вуҷуди муқаррар гардидани уҳдадории мазкур дар қонунгузории гумрукӣ, набудани меъёри махсуси ҷавобгарии маъмурӣ барои риоя накардани муҳлатҳои пешниҳоди маълумоти пешакӣ, пешниҳод намудани маълумоти нодуруст ва умуман пешниҳод накардани он ба таъмини иҷрои дахлдори талаботи қонунгузорӣ ва фаъолияти самараноки низоми назорати гумрукӣ таъсири манфӣ мерасонад. Тибқи маълумоти асосноккунандаи лоиҳа, дар амалияи назорати гумрукӣ ҳолатҳои саривақт пешниҳод нагардидани маълумоти пешакӣ, аз ҷумла кашол додани сунъии раванди пешниҳоди он аз ҷониби баъзе иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба мушоҳида мерасанд. Чунин ҳолатҳо метавонанд боиси ҷамъшавии воситаҳои нақлиёт ва қатораҳо дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ гардида, ба фаъолияти муътадили низомҳои иттилоотӣ, раванди арзёбии таваккал ва самаранокии назорати гумрукӣ монеа эҷод намоянд. Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, интихоби роҳи ҳалли масъала тавассути ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва амалӣ асоснок мебошад. Зеро маҳз тавассути муқаррар намудани ҷавобгарии маъмурӣ имкон фароҳам оварда мешавад, ки иҷрои уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории гумрукӣ бо чораҳои дахлдори таъсиррасонии ҳуқуқӣ таъмин гардида, масъулияти субъектҳои дахлдор баланд бардошта шавад. Ҳамзамон, муқаррар намудани андозаи гуногуни ҷарима вобаста ба хусусияти ҳуқуқвайронкунӣ ва мақоми ҳуқуқии субъекти он ба принсипҳои адолат, мутаносибӣ ва ногузирии ҷавобгарии ҳуқуқӣ мувофиқат намуда, барои пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои такрорӣ ва баланд бардоштани интизоми иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ замина фароҳам меорад. Ҳамин тариқ, роҳи ҳалли пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки холигии мавҷудаи қонунгузории маъмурӣ бартараф гардида, ҳамоҳангии меъёрҳои Кодекси гумрук ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии

		Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шавад. Ин тадбир ҳамзамон ба рақамикунонии расмиёти гумрукӣ, суръатбахшии гузаронидани назорати гумрукӣ, таъмини бехатарии иқтисодии давлат ва ҳифзи манфиатҳои молиявии буҷети давлатӣ мусоидат менамояд.
10	Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилиҳои баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ)	Дар раванди таҳияи лоиҳа масъалаи ҳалли мушкилоти вобаста ба риоя нагардидани муҳлатҳои пешниҳоди маълумоти пешакӣ ба мақомоти гумрук, пешниҳод намудани маълумоти нодуруст ё пешниҳод накардани чунин маълумот мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Бо дарназардошти он ки пешниҳоди маълумоти пешакӣ тибқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун уҳдадории ҳатмии субъектҳои дахлдор муқаррар гардидааст, зарурати таъмини иҷрои воқеии ин уҳдадорӣ ва самаранокии низоми назорати гумрукӣ ба миён омадааст. Ҳамзамон, имконияти ҳалли мушкилоти мазкур тавассути чораҳои ташкилию маъмурӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳии субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, такмили тартиби пешниҳоди маълумоти пешакӣ ва истифодаи имкониятҳои низоми электронии назорати гумрукӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аммо чунин чораҳо, бо вуҷуди аҳамияти онҳо барои беҳтар намудани интизоми субъектҳо, наметавонанд мустақилона ҷавобгарии ҳуқуқиро барои риоя накардани уҳдадории муқарраршуда таъмин намоянд. Дар ин замина, бе таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ роҳҳои мавҷудаи ташкилию техникӣ танҳо барои пешгирӣ ва кам намудани ҳолатҳои вайронкунии уҳдадории пешниҳоди маълумоти пешакӣ мусоидат карда метавонанд, вале барои татбиқи чораҳои ҷавобгарӣ заминаи мустақили ҳуқуқӣ фароҳам намеоранд. Бо дарназардошти ин, ҳалли пурраи мушкилоти мавҷуда бе муқаррар намудани ҷавобгарии маъмурии дахлдор имконнопазир арзёбӣ гардидааст. Мавҷуд набудани чунин механизми ҷавобгарӣ метавонад ба таъхир дар пешниҳоди маълумоти пешакӣ, ба вуҷуд омадани мушкилоти техникӣ ва оперативӣ дар фаъолияти

		мақомоти гумрук ва заиф гардидани самаранокии механизми электронии арзёбии таваккал оварда расонад.
11	Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот	Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз буҷети давлатӣ ҷудо намудани маблағҳои иловагиро талаб намекунад. Татбиқи муқаррароти лоиҳа дар доираи ваколат ва имкониятҳои мавҷудаи мақомоти гумрук амалӣ карда мешавад. Оқибатҳои иҷтимоӣ: - баланд гардидани сатҳи интизоми ҳуқуқии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар масъалаи пешниҳоди саривақтӣ ва саҳеҳи маълумоти пешакӣ ба мақомоти гумрук; - тақвият ёфтани масъулияти декларантҳо ва интиқолдиҳандагон барои иҷрои уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории гумрукӣ; - кам гардидани ҳолатҳои пешниҳоди маълумоти нодуруст ё риоя накардани муҳлати пешниҳоди маълумоти пешакӣ; - фароҳам гардидани шароити мусоид барои гузаронидани самаранок ва саривақтии назорати гумрукӣ; - баланд гардидани сатҳи шаффофият ва пешбинишавандагии муносибатҳои байни мақомоти гумрук ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ; - тақвият ёфтани ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Оқибатҳои иқтисодӣ: - коҳиш ёфтани хавфи талафоти буҷетӣ ва тақвияти ҳифзи фискалии буҷет; - фароҳам гардидани замина барои ворид гардидани маблағҳои иловагӣ ба Буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҷаримаҳои маъмурӣ; - баланд гардидани самаранокии назорати гумрукӣ тавассути истифодаи маълумоти пешакӣ ва низоми электронии арзёбии таваккал;

		- коҳиш ёфтани ҳолатҳои ба таври сунъӣ кашол додани расмиёти пешниҳоди маълумоти пешакӣ ва вобаста ба ин кам гардидани тамбашавии воситаҳои нақлиёт ва қатораҳо дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ; - тезтар гардидани гузариши молу воситаҳои нақлиёт аз расмиёти назорати гумрукӣ; - баланд гардидани самаранокии истифодаи системаҳои иттилоотӣ ва автоматикунонидашудаи мақомоти гумрук.
12	Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва дарияти ҷамъоварии он	Бо мақсади муайян намудани таъсир ва натиҷабахшии татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ оид ба пешниҳоди маълумоти пешакӣ ба мақомоти гумрук, риояи муҳлатҳои муқарраршуда ва саҳеҳии маълумоти пешниҳодшаванда зарур мебошад. Дар ин замина, нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва дарияти ҷамъоварии онҳо бояд пеш аз ҳама ба муайян намудани тағйирот дар рафтори иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, сатҳи иҷрои уҳдадориҳои қонунгузории гумрукӣ ва самаранокии назорати гумрукӣ равона карда шаванд. Аз ҷумла, ҷамъоварии маълумот оид ба шумораи умумии маълумоти пешакӣ, ки аз ҷониби декларантҳо ва интиқолдиҳандагон ба мақомоти гумрук пешниҳод карда мешаванд, инчунин шумораи ҳолатҳои риоя нагардидани муҳлатҳои муқарраршудаи пешниҳоди чунин маълумот, пешниҳод накардани маълумоти пешакӣ ва пешниҳоди маълумоти нодуруст оид ба номгӯй ва миқдори мол ва (ё) воситаҳои нақлиёт пешбинӣ карда мешавад. Маълумоти мазкур бояд ҳар моҳ аз ҷониби мақомоти гумрук ҷамъоварӣ ва ҷамъбаст карда шуда, барои муайян намудани тамоюли тағйирёбии ҳолатҳои риоя нагардидани талаботи қонунгузорӣ истифода бурда шавад. Ҳамзамон, бо мақсади муайян намудани таъсири меъёрҳои нави ҷавобгарии маъмурӣ зарур аст, ки шумораи протоколҳои тартибдодашуда ва қарорҳои қабулшуда оид ба таъини ҷазои маъмурӣ вобаста ба

		ҳуқуқвайронкуниҳои пешбининамудаи моддаи 588[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шумораи ҳолатҳои такроран содир намудани чунин ҳуқуқвайронкуниҳо ба ҳисоб гирифта шаванд. Ҷамъоварӣ ва таҳлили ин маълумот бояд ҳар семоҳа амалӣ гардида, имкон фароҳам оварад, ки сатҳи риояи талаботи қонунгузорӣ аз ҷониби субъектҳои уҳдадор ва таъсири чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ ба пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои мазкур муайян карда шавад. Инчунин, баҳри арзёбии натиҷаҳои молиявӣ ва иқтисодии татбиқи Қонун ҷамъоварии маълумот оид ба ҳаҷми маблағҳои ҷаримаи маъмурии таъиншуда ва маблағҳои воқеан ба буҷети давлатӣ воридгардида зарур мебошад. Нишондиҳандаи мазкур бояд ҳар семоҳа ҷамъоварӣ ва таҳлил карда шуда, барои муайян намудани самаранокии татбиқи чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ ва таъсири онҳо ба интизоми иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ истифода гардад. Дар баробари ин, бо мақсади муайян намудани таъсири Қонун ба фаъолияти низоми гумрукӣ ҷамъоварии маълумот оид ба сатҳи иҷрои уҳдадории пешниҳоди саривақтии маълумоти пешакӣ аз ҷониби декларантҳо ва интиқолдиҳандагон, вақти миёнаи гузаронидани назорати гумрукӣ, шумораи ҳолатҳои таъхир ва бандшавии воситаҳои нақлиёт дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ, ки дар натиҷаи пешниҳод нагардидан ё сари вақт пешниҳод нагардидани маълумоти пешакӣ ба вуҷуд меоянд, зарур мебошад. Ин нишондиҳандаҳо бояд ҳар семоҳа ҷамъоварӣ гардида, бо нишондиҳандаҳои давраи то мавриди амал қарор гирифтани Қонун муқоиса карда шаванд. Ҳамзамон, барои арзёбии самаранокии истифодаи маълумоти пешакӣ дар раванди автоматикунонии назорати гумрукӣ зарур аст, ки маълумот оид ба сатҳи истифодаи чунин маълумот дар низоми электронии арзёбии таваккал, интихоби объектҳои назорати гумрукӣ ва қабули қарорҳои дахлдор ҷамъоварӣ карда шавад. Ҷамъоварии маълумоти мазкур бояд ҳар шаш

		моҳ амалӣ гардида, имкон фароҳам оварад, ки дараҷаи истифодаи имкониятҳои низомҳои иттилоотӣ ва таъсири пешниҳоди маълумоти пешакӣ ба баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукӣ муайян карда шавад. Илова бар ин, бо мақсади муайян намудани таъсири Қонун ба беҳтар гардидани муносибатҳои байни мақомоти гумрук ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҳар сол омӯзиши сатҳи қаноатмандии декларантҳо, интиқолдиҳандагон ва дигар субъектҳои дахлдор аз тартиби пешниҳоди маълумоти пешакӣ, дастрасӣ ба низомҳои электронии дахлдор ва суръати анҷом додани расмиёти гумрукӣ гузаронида шавад. Натиҷаҳои чунин омӯзиш имкон медиҳанд, ки мушкилоти амалии татбиқи меъёрҳои нав муайян гардида, барои такмили минбаъдаи расмиёти гумрукӣ пешниҳодҳои дахлдор таҳия карда шаванд. Маълумоти дахлдор бояд асосан аз низомҳои иттилоотию электронии мақомоти гумрук, ҳисоботи оморӣ Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, протоколҳо ва қарорҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, маълумоти гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва натиҷаҳои омӯзиши фаъолияти иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҷамъоварӣ карда шавад. Дар маҷмӯъ, арзёбии натиҷаҳои татбиқи Қонун бояд дар асоси муқоисаи нишондиҳандаҳои оморӣ давраи то мавриди амал қарор гирифтани он ва давраи баъд аз татбиқ амалӣ карда шавад. Ҳамзамон, ҷамъбасти натиҷаҳои арзёбӣ бояд ҳар сол анҷом дода шуда, ба муайян намудани дараҷаи коҳиш ёфтани ҳолатҳои пешниҳоди саривақтӣ нагардидан ва пешниҳод накардани маълумоти пешакӣ, баланд гардидани саҳеҳии маълумоти пешниҳодшаванда ва беҳтар шудани истифодаи низоми электронии арзёбии таваккал равона карда шавад. Зеро самаранокии воқеии Қонуни мазкур на танҳо бо шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда ва маблағи ҷаримаҳои таъиншуда, балки бо коҳиш ёфтани вайронкуниҳо ва

		бехтар шудани самаранокии фаъолияти макомоти гумрук муайян карда мешавад.
13	Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳукукӣ дар сурати қабули он	15.12.2026

Хадамоти гумруки назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон